Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-О43 назди Академияи
ВКД ҶТ

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи "Тафтиши ба худкушӣ расондан" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшииосӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Автореферати диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил ба масъалаи муҳимми тафтиши ҷиноятҳои ба худкушӣ расондан бахшида шудааст. Мавзуъ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, зеро худкушӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҷиноятӣ таҳқиқоти дақиқ ва малакаи баландро талаб мекунад. Автореферат дорои сохтори возеҳ ва мантиқи илмӣ мебошад, ки тавоноии муаллифро дар пайваст кардани таҳқиқоти назариявӣ бо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад.

Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳия гардидааст. Мавзуи мазкур дар замони муосир аҳаммияти хоса пайдо намуда, таҳқиқи амиқ ва илмии онро тақозо мекунад.

Мақсади асосии диссертатсия таҳлили ҳуқуқии ҳолатҳои ба худкушӣ расондан, омилҳои таъсиргузор ва усулҳои таъмини адолати судӣ дар чунин парвандаҳо мебошад. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин таҷрибаи кишварҳои дигар кӯшиш намудааст, ки роҳҳои беҳтарини пешгирӣ ва тафтиши чунин ҷиноятҳоро пешниҳод намояд.

Дар бахши назариявӣ, муаллиф масъалаҳои криминалистикии худкушӣ, таъриф ва унсурҳои ҷиноятии он, инчунин омилҳои иҷтимоӣ, равонӣ (психологӣ) ва ҳуқуқӣ, ки метавонанд ба худкушӣ расонанд, баррасӣ мекунад. Дар бахши амалӣ, таҳлили ҳолатҳои мушаххас, усулҳои тафтиши криминалистикии парвандаҳои ба худкушӣ расондан ва пешниҳодоти амалӣ барои беҳтар кардани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ пешниҳод шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқи худ аз усулҳои таҳлили ҳуқуқии қонунгузорӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таҳлили ҳолатҳои судӣ ва методҳои криминалистикии муосир истифода кардааст. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки масъалаҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва амалии дуруст ва амиқ таҳлил шаванд.

Мавзуи диссертатсия пурра бо ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқи муаллиф дар самти таҳлили криминалистикии ҳолатҳои ба худкушӣ расондан ва усулҳои тафтиши он, ки барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим аст, аҳаммияти махсус дорад.

Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» таҳқиқоти амиқ ва муфассал дар самти криминалистика мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои мураккаби ҳуқуқии марбут ба худкушӣ ва омилҳои таъсиргузорро бо усулҳои илмии дуруст ва амалӣ пешниҳод кунад.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбии кор баъзе омилҳои баҳсталаб низ дар рисола дида мешаванд:

Дар рисола, ба омилҳои иҷтимоӣ ва равонии (психологии) пешгирӣ аз худкушӣ диққат дода, тавсияҳои амалӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои иҷтимоӣ пешниҳод гарданд.

Дар умум, автореферат як таҳқиқоти амиқ, мантиқӣ ва саҳеҳ аст, ки ба баррасии ҷанбаҳои гуногуни илми криминалистика кумак мерасонад. Таҳқиқот метавонад барои соҳаи криминалистика ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо ва таҳлилгарони соҳа ҳамчун як манбаъ барои таҳқиқоти минбаъда хизмат кунад. Дар маҷмуъ, автореферат бо роҳнамоии амиқ ва

моҳирона дар таҳлил ва тафсири тафтиши ба худкушӣ расондан дар заминаи қонунгузории соҳавӣ омода карда шудааст ва муаллифи он Ҳабибзода Назира Халил сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Муовини аввал, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои
байналмилалии филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор А.М. Диноршоҳ

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ
ва корҳои махсус С.М. Пирназар
«08» 11 2025 с.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Бохтар 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-02,
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj